*Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-029*
*назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
*731025, Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*ш. Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ, 17*

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон П.Н. Давлатов ба диссертатсияи Каримов Қиёмиддин Саидвалиевич дар мавзуи “Ҷойгоҳи фалсафаи ахлоқ дар низоми давлатдории Сосониён» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа**

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Дар мавриди мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ месазад таъкид дошт, ки диссертатсияи Каримов Қиёмиддин Саидвалиевич ба талаботи шиносномаи тахассус - 09.00.03 - Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ) мувофиқат мекунад.

**Мубрамияти мавзуъ.** Ахлоқ аз шохаҳои муҳими илми амалӣ буда, рафтор, кирдор, хулқу хӯй, маҷмуан сифатҳои табиию иҷтимоии инсонро омӯхта, такмилдиҳанда ва танзимкунандаи ин меъёрҳо дар раванди ҳаёти инсон мебошад. Меъёрҳои танзимкунандаи он дар ҷомеа ба камолоти маънавии инсон такон бахшида, ӯро ба фаъолияти созандагӣ, дар шакли иҷтимоӣ, муносибатҳои солим, шинохт ва арҷгузорӣ ба арзишҳои фарҳангӣ ҳидоят мекунад. Арзишҳои бунёдии ахлоқи ориёӣ таъриху фарҳанги ахлоқмеҳварии гузаштагонамонро таҷассум медоранд. Мавриди зикр ва боиси ифтихор аст, ки ниёгони мо дар таърихи фарҳангу тамаддуни инсонӣ поягузори андарзи машҳури ахлоқии “Пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек” мебошанд, ки аз китоби муътабари Авесто сарчашма мегирад. Ин нишонаи он аст, ки барои миллати мо дар ҳама давру замон ахлоқ ва арзишҳои ахлоқӣ мавриди эҳтиром ва муҳтарам будааст. Ҳамин посдорӣ ва риояти фарҳанги волои ахлоқӣ аз он дарак медиҳад, ки тоҷикон ҳамчун насли ориёӣ аз қадимулайём бо дафтару девон сару кор дошта, китобдору китобхон буданд ва дар бунёди тамаддуни башарият бо корнамоиҳои илмиву фарҳангии худ саҳми шоиста гузоштаанд. Аз ин рӯ, аз қадами аввал таваҷҷуҳ додан ба таҳқиқи афкори фалсафӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии гузаштагон, муаррифӣ кардани ин арзишҳои волои фарҳангӣ дар

арсаи байналмилалӣ аз рӯзмарра будани масъалаи мазкур далолат мекунад.

Дуюм, дар таълимоти намояндагони мактабҳои мухталифи фалсафӣ ахлоқ, ки аз ҷузъи фалсафаи амалӣ буда, инсон, шинохти ботин ва зоҳир ё афъол ва аъмоли ӯро омӯхта, танзимкунандаи муносибатҳои фардию ҷамъиятии шахс мебошад ва метавонад нақши худро дар ташаккул ва инкишофи низоми давлатдории ҷомеаҳои муосир гузорад, камомӯхта мебошад. Бинобар ин, таваҷҷуҳ додани муаллиф ба таҳқиқи масъалаи ахлоқ дар аҳди давлатдории Сосониён ва нишон додани натиҷаҳои амалӣ ва назариявии ба даст оварда дар фаъолияти рӯзмарраи ҷомеадорӣ, аз актуалӣ будани мавзуъ гувоҳӣ медиҳад. Аз он ҷиҳат, ки этикаи аҳди Сосониён дар пояи се рукни ахлоқии оини маздопарастӣ, дини зардуштия: пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек бунёд ёфтааст, принсипҳои адолати иҷтимоӣ, баробарии иҷтимоии тамоми қишрҳои аҳолиро новобаста аз мансубияти динию нажодӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои мардум ва ғайра таъмин кард. Татбиқи усулҳо ва принсипҳои низоми идоракунии давлатдории Сосониён барои ҷомеаи муосир, аз ҷумла давлатории миллии тоҷикон дар мавриди расидан ба арзу доди шаҳрвандон, одилона ва оқилона ҳаллу фасл намудани низоъу бархурдҳо, роҳ надодан ба тафриқаандозии маҳаллӣ, минтақавӣ, миллию нажодӣ, вусъат бахшидани ҳамкориҳои илмию фарҳангӣ, эҳёи расму оин ва ҷашну маросими миллӣ ва ғайра вижагии хосси худро доранд.

Сеюм, андешаҳои ахлоқӣ, фалсафӣ ва давлатдории аҳди Сосониён, ки дар заминаи китоби “Авесто” ташаккул ёфта, дар навъҳои гуногуни мероси хаттӣ: достонҳо, корномаҳо, андарзномаҳо, қитъаҳо ва ғайра инъикос ёфтаанд, ба таври зарурӣ таҳлилу таҳқиқи худро наёфтаанд. Бинобар ин, мавриди таҳлилу муқоиса қарор додани мавзуҳои ахлоқии ёдгориҳои хаттии аҳди Сосониён, ки тарғиби некӣ, адолат, ростӣ, покизагӣ, таҳаммулгароӣ, дасти мадад расонидан ба ниёзмандон, донишандӯзӣ, эҳтиром ба волидайн, устод, дурӯғгӯӣ накардан, кинаву бухл дар тинати худ парвариш надодан, беасос шахсеро таҳқир ва маломат накардан, побанди нафс набудан ва ғайраро ташкил медиҳанд, рӯзмаррагии таҳқиқи масъалаи мазкурро ифода мекунанд.

**Навгониҳои диссертатсия**. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он муайян мегардад, ки аввалин бор дар шакли маҷмуӣ ва мунтазам фалсафаи ахлоқ дар аҳди Сосониён, аҳамият ва

арзиши он дар низоми давладории миллии ҷомеаи муосири Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Натиҷаҳои асосии кори таҳқиқотии мазкур, ки ҳамчун навгонӣ эътироф шудаанд, дар чунин бандҳо зикр карда шудаанд:

- таърихи ташаккул, фаҳмиш ва шарҳи фалсафии мафҳуми этика дар низоми давлатдории Сосониён муайян гардидааст;
- нақши ахлоқи зардуштӣ, ки дар низоми давлатдории аҳди Сосониён ҳамчун кафили адолат ва баробарии иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад, таҳқиқ ва муайян карда шудааст;
- дар заминаи сарчашмаҳо ва адабиёти фаровони илмӣ нақши Академияи Гунди Шопур дар ташаккули донишҳои илмӣ ва таҳаввули муносибатҳои ахлоқии давраи Сосониён нишон дода шудааст;
- "Корномаи Ардашери Бобакон" ҳамчун сарчашмаи муътамади таърихӣ ва ахлоқии аҳди Сосониён мавриди омӯзиш ва таҳқиқи амиқи фалсафӣ қарор гирифтааст;
- ҷойгоҳи ахлоқ ва баррасии масъалаҳои ахлоқӣ дар мероси хаттии аҳди Сосониён таҳлили илмиву фалсафӣ шудааст;
- аҳамият ва арзиши этикаи Сосониён дар ташаккули низоми давлатдории миллии ҷомеаи муосири Тоҷикистон нишон дода шудааст.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро бошад, диссертант ба таври зайл мушаххас менамояд:

1. Этика - дар баробари манзилдорӣ ва сиёсат аз шохаҳои илми амалӣ буда, мазмунан рафтору кирдор, хулку хӯй ва сифатҳои табиию иҷтимоии инсонро омӯхта, танзимкунандаи меъёрҳо, муносибатҳо, робитаҳо ва ҳамбастагиҳои иҷтимоӣ ва ғайра мебошад. Этикаи давраи Сосониён беҳтарин арзишҳои ахлоқии инсониро дар худ таҷассум намудааст, ки мавзуи меҳварии онро ба таври маҷмуӣ се асли ахлоқии зардуштия: пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек, ки муқобили амалҳои нописандида: пиндори бад, гуфтори бад ва кирдори бад қарор мегиранд, ташкил медиҳад. Ин арзишҳои олии ахлоқӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихии ҷомеа ва дар ҷомеаи муосир низ ҷиҳати бо адл ороста доштани низоми давлатдорӣ, риоя кардани принсипи баробарии иҷтимоӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон мусоидат менамоянд.

2. Этикаи далватдорӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва сиёсӣ, ки рафтору аъмоли инсон, низоми идораи давлат, муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим медарорад, таърихи куҳан дорад. Дар давраи

давлатдории Сосониён посдорӣ, эҳтиром ва риояти арзишҳои ахлоқӣ хеле рушд ва таҳаввул ёфт, ки дар натиҷа, дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ низоми ҷомеадории Сосониён намунаи олии давлатдориро ташкил дод. Зеро, принсипҳои адолат, риояи баробарии иҷтимоӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои мардум новобаста аз мансубият ба халқият, нажод, ҷинс, дин ва ғайра меъёрҳои муҳимми низоми идоракунии хусусияти дунявидоштаи подшоҳони сосонӣ қарор дода шуд. Татбиқи ин принсипҳо ба подшоҳони сосонӣ имконият фароҳам овард, ки як давлати воҳид, пуриқтидор ва аз як марказ идорашавандаро таъсис бидиҳанд ва барои рушди тамаддун ва фарҳанги миллии мо заминаҳои устувор гузоранд. Расму анъанаҳои гузаштагонамонро, ки тобиши динӣ доштанд, мутобиқи сегонаи ахлоқии Авесто, ба доираи расмӣ ворид гардонанд. Аз ҷумла, фарҳанги либоспушӣ, одоби оиладорӣ, гузоридани намози панҷвақта, нигоҳ доштани покии бадан, меҳмоннавозӣ, эҳтироми волидону пирон, экологияи маънавӣ ва ғайра. Ҷашнҳои пуршукуҳи миллӣ, аз қабили Наврӯз, Меҳргон, Сада ва Тиргонро вобаста ба муҳлат расмӣ ҷашн гирифта, машқҳои варзишӣ, аз ҷумла аспсаворӣ, тирандозӣ, шамшерзанӣ, гуштингирӣ ва ғайраро ба анъанаи умумимиллӣ табдил доданд, ки имрӯз ин анъанаҳои куҳани аҷдодиро насли имрӯзи тоҷик идома дода истодааст.

3. Академияи Гунди Шопур сирф донишгоҳи тиббӣ набуда, балки маркази илмӣ-фарҳангии рушди тамоми соҳаҳои илм: табиӣ-риёзӣ, иҷтимоӣ-гуманитарӣ ва дақиқ буд. Кормандони маркази мазкур донишмандони илмҳои мушаххаси кишварҳои гуногун: Миср, Ҳинд, Юнон, Рим ва ғайра ба ҳисоб рафта, дар якҷоягӣ дар самти рушди илму дониш саҳми арзанда гузоштанд. Хусусан, дастовардҳои илмӣ, таълифи китобҳои арзишманд ва тарҷумаи асарҳои мухталиф аз ҷониби донишмандони фарҳангистони Гунди Шопур на танҳо барои рушду таҳаввули илму фарҳанги замони худ нақши асосӣ бозиданд, балки тарҷума ва нашри онҳо дар марҳилаҳои баъдинаи таърихӣ барои пешрафт ва тараққии тамаддуни Шарқу Ғарб мусоидат карда, боиси таъсиси мактабҳои гуногуни илмӣ-фалсафӣ шуданд. Ҳамзамон, баъди таназзули давлати Сосониён аз ҷониби арабҳо кормандони фарҳангистон тарки соҳа накарданд, балки дар дигар марказҳои илмӣ-фарҳангӣ, аз чумла дар Академияи “Байтул-ҳикма” (“Махзани хирад”) - и Бағдод, ки тобеи хилофати аббосӣ буд, фаъолият карда, барои рушди фарҳанги миллӣ, ҳифз кардани арзишҳои фарҳангии гузаштагон, хусусан

ба тамаддуни ҷаҳонӣ ворид кардани фалсафаи ислом саҳми асосӣ гузоштанд.

4. “Корномаи Ардашери Бобакон” мероси хаттии аҳди сосонӣ мебошад. Дар мероси хаттии мазкур доир ба таърихи подшоҳии нахустин шоҳи сосонӣ Ардашери 1 (224-241), пирӯзии вай бар Ардавон (213-224) ва дигар шаҳриёрони Эрон, муттаҳид сохтани кишвар ба як давлати пуриқтидор маълумот дода мешавад. Аз ин рӯ, Корномаи мазкур ёдгории хаттии хусусияти асотиридошта набуда, балки он инъикоскунандаи воқеияти замон аст.

5. Таърихан, достонҳо, андарзномаҳо, катибаҳо, қитъаҳо, ки аз рӯйи мавзуъбандӣ, ҳаҷм, баррасии масъала аз ҳамдигар тафовут доранд, аз зумраи навъҳои ёдгориҳои хаттии мардумони тоҷику форс ба ҳисоб мераванд. Мазмунан, ин мероси хаттӣ пурра тамоили мифологӣ ва бадеӣ надошта, балки онҳо хусусияти фалсафӣ-ахлоқиро доро мебошанд. Хусусан, тавсифи мафҳуми ахлоқ ва риояи меъёрҳои ахлоқӣ мавзуи меҳварии мероси хаттии бостонии мардуми тоҷику форс мебошад. Аз ин рӯ, ин осории хаттии арзишманди меросмонда на танҳо барои подшоҳон ҷиҳати бо адл ороста доштани кишвар, назму насақи давлатдорӣ ҳамчун дастурамал хизмат мекунанд. Инчунин, ин ёдгориҳои арзишманди меросмонда барои ташаккули ақидаҳои ахлоқии мутафаккирони марҳилаҳои баъдина, таҳияи рисолаву асарҳои илмӣ-фалсафӣ, ахлоқӣ ва сиёсати давлатдорӣ ба сифати сарчашмаи муътамад, нақш бозидаанд.

6. Дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ давлати Сосониён, аввалан аз зумраи давлатҳое мебошад, ки низоми идоракуниро дар доираи принсипи дунявият ва адолати иҷтимоӣ ба роҳ монда, давлати пуриқтидор ва мутамаркази ягонаро ташкил дод. Дуюм, дар низоми давлатдорӣ на танҳо анъанаи гузаштагон, асльҳои ахлоқии таълимоти зардуштияро идома дод, балки бо риояи принсипҳои адолат, баробарии иҷтимоӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои қишрҳои гуногуни аҳолӣ назму тартибро дар кишвар таъмин карда, барои рушди соҳаҳои ҷамъиятӣ ҳамаи иқтидорҳоро истифода бурд. Сеюм, китоби Авесторо, ки аз ҷониби ғосиби юнонӣ Искандари Мақдунӣ сӯзонида шуд, аз нав ҷамъоварӣ намуда, хатари пурра аз байн рафтани осори зардуштияро аз байн бурд. Чаҳорум, низоми давлатдории Сосониён барои Тоҷикистон ҷиҳати ташаккул ва таҳаввули давлатдории миллӣ ҳамчун намунаи олии давлатдорӣ эътироф карда шуд. Панҷум, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ

Раҳмон на танҳо оини ҷавонмардӣ ва давлатдории гузаштагонро идома дод, балки вобаста ба таъсири ҷаҳонишавӣ ва бархурди тамаддунҳо арзишҳои гузаштаи миллии худро аз нав эҳё кард, Зардуштро ҳамчун паёмбари оини ростин эътироф кард, се рукни ахлоқии он: пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори некро меҳвари сиёсати давлтории худ қарор дод, бар замми ин, дар натиҷаи омезиш додани арзишҳои фарҳанги гузашта ба арзишҳои давлатдории ҷомеаи муосир принсипи дунявиятро модели муҳим ва асосӣ ҳисобида, ба дастоварду муваффақиятҳои назаррас нойил гардид.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Асоси методологии таҳқиқотро фаҳмиши ратсионалии фалсафаи амалӣ, методҳои умумии маърифати илмӣ, таърихӣ, системавӣ, таҳлили муқоисавӣ бо истифода аз методи герменевтика ташкил медиҳад. Эътимоднокии натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бошад, бо интихоби методҳо дар раванди таҳлилу таҳқиқи мавзуъ, мувофиқати усулҳои таҳқиқот бо ҳадафҳо ва вазифаҳои гузошташуда, манбаъҳо ва маъхазҳои ҷамъовардашуда ва коркардашуда оид ба мавзуи таҳқиқот, бо тасдиқи муқаррароти илмии пешниҳодкардаи муаллиф, ки дар диссертатсия мавҷуданд, инчунин нашрияҳо тасдиқ карда мешаванд.

**Аҳамияти илмӣ, назариявӣ, амалӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳамияти илмӣ, назариявӣ, амалӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ, хулосаю тавсияҳои амалии бадастомадаро метавон ҳангоми мушаххас кардани заминаҳои ғоявӣ, иҷтимоӣ-сиёсии ташаккул ва таҳаввули ахлоқ ҳамчун шохаи илми амалӣ, муайян кардани сатҳи баррасии масъалаҳои ахлоқӣ ва тавсифи категорияҳои ахлоқӣ дар куҳантарин ёдгориҳои хаттии мардуми тоҷику форс ва таъсири онҳо барои таҳким ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар марҳилаҳои баъдинаи рушди ҷомеаи инсонӣ ба таври васеъ истифода намуд. Илова бар ин, маводи коркардшуда, натиҷаҳои илмӣ-амалии бадастомадаро метавон ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ, матни мухтасари лексияҳо, маҷмуаҳои таълимӣ-методӣ, дигар воситаҳои таълимӣ аз фанҳои таърихи фалсафа, ахлоқ, этикаи коргузорӣ, фарҳангшиносӣ, сотсиологӣ истифода намуд.

Инчунин, истифодаи хулосаҳои назариявӣ ва натиҷаҳои бадастомада дар раванди баргузор кардани корҳои тарбиявӣ, ташвиқотӣ

ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи худшиносии миллӣ, арҷ гузошта тавонистан ба арзиш ва муқаддасоти миллӣ, пешгирӣ аз таассубу хурофот ва ғайра аз манфиат холӣ намебошанд.

Ҷанбаҳои гуногуни кори таҳқиқотӣ дар се мақолаҳои муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмии эътирофкардаи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гаштаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.** Диссертатсияи Каримов Қиёмиддин Саидвалиевич дар мавзуи “Ҷойгоҳи фалсафаи ахлоқ дар низоми давлатдории Сосониён» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа таҳқиқоти мустақилона баанҷомрасида ба ҳисоб рафта, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Дар муқаддима аҳамияти мавзуи таҳқиқотӣ асоснок гардида, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муайян шуданд, инчунин асосҳои методологии таҳқиқот, навгонии илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда, натиҷаҳои назариявӣ ва амалии диссертатсия, дараҷаи татбиқи таҳқиқот нишон дода шуданд.

Масъалаҳои калидии боби якуми диссертатсия, ки “Заминаҳои ғоявӣ, иҷтимоӣ-сиёсии ташаккулёбӣ ва таҳаввули этика дар аҳди Сосониён” унвон дорад, шарҳ ва тавзеҳи мафҳуми ахлоқ, таҳлилу муқоисаи консепсияҳои илмии марбут ба он, Зардуштия - сарчашмаи асосии таъмини адолат ва идеяи баробарии иҷтимоӣ дар низоми давлатдории аҳди Сосониён ва накши Академияи “Гунди Шопур” дар ташаккули донишҳои илмӣ ва таҳаввули муносибатҳои ахлоқии давраи Сосониён ба ҳисоб меравард.

Дар мавриди шарҳу тавзеҳи мафҳуми ахлоқ муаллиф дуруст қайд мекунад, ки дар тамоми низоми донишҳои фалсафӣ ва консепсияҳои илмӣ, ақлоқ баробари тадбири манзил ва сиёсати давлатдорӣ аз шохаҳои илми амалӣ мебошад, ки рафтор, кирдор, хулқу хӯй, муносибатҳо ва робитаҳои тарфайни инсонҳо, унсурҳо ва таркибҳои ҷомеаро муайян мекунад. (С.18-37)

Ҳамзамон, диссертант барҳақ арзёбӣ мекунад, ки ҷавҳари фалсафаи зардуштия мавзуи ахлоқ мебошад ва мазмунан ахлоқмеҳварӣ аст. Зеро, Зардушт инсонҳоро барои нойил шудан ба амалҳои нек ва шоиста талқин мекунад, аммо бадӣ ва амалҳои ба он тавъамро амалҳои нораво ва зишт пиндошта, омили асосии пайдоиши нобаробариҳои иҷтимоӣ

меҳисобад. Хусусан, инсонро ҳидоят мекунонад, ки ҳамеша фаъол бошад, аъзои бадани ӯ, хусусан ақли ӯ кор кунад ва ҳамеша нек мулоҳиза намояд, ростиро талқин карда, аз гуноҳ кардан худро дур дорад. Ҷиҳати ҳаллу фасли масъалаи баррасишаванда фикр накардан, дуруст наандешидан, мулоҳиза нанамуданро бузургтарин гуноҳ мешуморад. Чунки роҳ якест ва он роҳи ростист, ҳамаи дигар роҳҳо бероҳа мебошанд. (37-63)

Дар боби дуюми таҳқиқот бошад, ки номи "Ахлоқ – мавзуи меҳварии мероси хаттии аҳди Сосонӣ" дорад, муаллиф таваҷҷуҳи махсус ба пажӯҳиши масоили марбут ба: Корномаи Ардашери Бобакон - сарчашмаи муътамади таърихӣ ва ахлоқии аҳди Сосониён; муайян кардани ҷойгоҳи ахлоқ ва баррасии масъалҳои ахлоқӣ дар мероси хаттии аҳди Сосониён ва зикри аҳамият ва арзиши этикаи Сосониён дар низоми давлатдории миллии ҷомеаи муосири Тоҷикистон медиҳад. (С.87-140)

Арзиши илмии ин боб дар он ифода меёбад, ки муаллиф зимни баррасӣ ва таҳлилу таҳқиқи мавзуъ ба сарчашмаҳои асл, мероси хаттии ниёкон такя мекунад. Аз ин рӯ, ин шеваи таҳқиқ матни гувоҳӣ аз он медиҳад, ки далелҳои овардаи муаллиф боэътимоданд, андешаҳои муаллиф асос дошта воқеиятро инъикос менамоянд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои бадастоварда дар шаш банд ва тавсияҳо оид ба натиҷаҳои амалии таҳқиқот дар чаҳор нукта пешниҳод карда шудаанд, ки инъикоскунандаи фишурдаи матни зерфаслҳои таҳқиқоти мазкур мебошанд.

Дар баробари бартариятҳо дар диссертатсия камбудиҳо ва баъзе нуқтаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд. Аз ҷумла:

1. Аз матни зербоби 1.2.- и боби аввали диссертатсия маълум мегардад, ки воқеан зардуштия - сарчашмаи асосии таъмини адолат ва идеяи баробарии иҷтимоӣ дар низоми давлатдории аҳди Сосониён ба ҳисоб меравад. Аммо дар ин қисмат муаллиф сатҳи баррасӣ ва таҳлили масъалаҳои адолат ва баробарии ичтимоӣ дар таълимоти зардуштияро бо тамоилгирии андешаҳои дигар мактабҳои фалсафии Шарқи қадим муқоиса намекунад.

2. Нишон додани арзиши аҳамият ва арзиши этикаи Сосониён дар низоми давлатдории миллии ҷомеаи муосири Тоҷикистон ба таври ниҳоят мушаххас сурат гирифтааст.

3. Дар матни диссертатсия хатоиҳои мантиқӣ, имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Дар маҷмуъ, камбудӣ ва хатоиҳои мантиқӣ, имлоӣ ва техникии ҷойдошта мазмун ва моҳияти диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва характери тавсиявӣ доранд. Автореферат ба пуррагӣ мазмуни асосии диссертатсияро инъикос медорад. Таълифоти муаллиф ҷанбаҳои мухталифи кори таҳқиқотиро таҷассум медоранд.

Бо назардошти ин гуфтаҳо чунин арзёбӣ медорем, ки диссертатсияи Каримов Қиёмиддин Саидвалиевич дар мавзуи “Ҷойгоҳи фалсафаи ахлоқ дар низоми давлатдории Сосониён» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа, арзанда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои фалсафа, дотсенти
кафедраи таърихи фалсафа ва
фалсафаи иҷтимоии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Давлатов П.Н.

**Суроға:**734025,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17.
Тел: (+992) 935424291
E-mail: DavlatovP1976@mail.ru

Имзои дотсент Давлатов П.Н.-ро
тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

27. 08. 2024